**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Муродова Рухшона Муродовна дар мавзӯи «Муносибати сотсиологӣ дар матбуоти даврии муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси10.01.10 журналистика**

Касби истиқлолияти сиёсӣ барои миллату давлати мо бузургтарин дастоварди таърихӣ ва неъмати бебаҳост. Истиқлолият раванди навини пешрафти тараққиёти соҳаҳои гуногуни ҳаёти миллат буда, заминаҳои асосиро барои бунёди давлати миллӣ фароҳам меорад.

Таҳлили пояҳои истиқлолият ва бунёди давлати миллӣ бешубҳа аз рушди илму фарҳанги ҷомеа вобастагӣ дорад. Яке аз сарчашмаҳои асосии ин раванди миллату давлатсозӣ омӯзиши сотсиологии масъалаҳои ҷомеа баҳри беҳдошти асолату ҳуввияти миллӣ, ваҳдату ҳамбастагӣ, худшиносию худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ мебошад.

Муҳиммияти мавзӯи интихобнамудаи рисоланавис дар он аст, ки иртиботи қавии журналистика ва сотсиологияро асоснок намуда, ҷиҳатҳои мубрами онро таҳлилу муайян намудааст. Ба ақидаи рисоланавис барои амиқ омӯхтани паҳлуҳои гуногуни зиндагӣ лозим меояд, ки алоқаи ВАО-ро бо субъектҳои асосии ҳаёти ҷомеа: ҳокимият, мардум, иқтисодиёт ва ғайра ҳаматарафа ба роҳ монем. Яъне журналист бояд дониши фарох, манбаи дақиқи маълумот ва амали дурустро дошта бошад. Пас муайян кардани манбаи дақиқи маълумот, дастрас намудани факту далел, ҳаматарафа омӯхтани соҳаҳои иҷтимоӣ, масъалаҳои мубрами замонавӣ ва дарёфти роҳи ҳалли мушкилот аз вазифаҳои аввалиндараҷаи журналист мебошанд. Дар ин самт на фақат донишу малакаи фардии рӯзноманигор зарур аст, балки мурочиат ба мардум ва фаҳмидани афкору муносибати воқеъбинонаи онҳо дар мадди аввал меистад.

Ақидаи илмӣ асоснокшудаи рисоланавис оиди он ки ҷомеаи муосир, ки рӯҳияи демократиро талқин мекунад ва омилҳои иқтисодиву тиҷорӣ

мавқеъ пайдо карда, зарурияти ҳамкории расонаҳои ахбор бо мардум дучанд мегардад воқеан дуруст буда, бояд мавриди диққат бошад. Чунки муайян кардани ин хусусияту муносибатҳо нигоҳи замонавӣ ва пажӯҳиши илмиро дар ҷомеаи тағирёбанда мехоҳад. Дар муайян кардани ин хусусиятҳо танҳо муносибати журналистӣ кофӣ нест, дар ин самт муносибати сотсиологӣ низ мебояд.

Маълум аст, ки сотсиологияи журналистика дар контексти илми журналистика то андозае ҷавонтар мебошад, аммо аз оғоз тавачҷӯҳ ба он дар ҳама марҳилаҳои инкишофи ҷомеа гуногуну баҳснок буданд. Олимону муҳаққиқон дар давраҳои гуногун ба он эътибор додаанд. Аз ҷумла, дар матбуоти даврии замони Шӯравӣ, асосан, дар ду давра: солҳои 20-ум ва 60-уми садаи XX муносибатҳои сотсиологӣ авҷ гирифтааст, ки боиси тавачҷуҳи олимону муҳаққиқон гардидааст, қайд мекунад муҳаққиқ Муродова Р. Рисоланавис дар таҳқиқоти худ кушиш намудааст, ки моҳият, зарурият ва аҳаммияти муносибати сотсиологиро дар фаъолияти журналистӣ аз нуқтаи назари илмӣ мушаххас намуда, марҳилаҳои ташаккули чунин муносибатро дар матбуоти даврии тоҷик нишон диҳад. Аз мутолиаи автореферат бармеояд, ки Муродова Р. то андозае ба натиҷаҳои муваффақи илмӣ дар ин самт расидааст.

Дар мувофиқа ба ин мақсад муҳаққиқ то андозае ба масоили таҳқиқотии ба миён гузошта рушанӣ андохта, роҳи халли онро нишон додааст.

Аз ин ҷиҳат номбурда мавзӯи муҳим, актуалӣ ва арзишмандро барои илми муосири тоҷик ба ҳайси рисолаи илмӣ интихоб ва таҳқиқ намудааст.

Арзишмандӣ, рӯзмаррагии мавзӯи интихобшуда аввалан дар он ҷиҳат зоҳир мегардад, ки бори аввал ба таври васеъ ва комил масъалаи муносибати сотсиологӣ дар матбуоти даврии муосири тоҷик мавриди таҳлилу баррасӣ ва омӯзиш қарор гирифтааст.

Муҳимтарин дастовардҳои илмӣ - таҳқиқотии унвонҷӯ Муродова Р. дар ин рисола бори аввал масъалаи мазкурро ба риштаи таҳқиқоти илмӣ кашидан аст.

Аз мутолиаи автореферат бармеояд, ки нигориши он аз ҷустуҷуйҳои илмӣ, мустақилияти фикрӣ ва навоварию навгӯии муаллиф дарак медиҳад. Ҷанбаҳои илмӣ, методологӣ, мантиқӣ ва имлоию услубии рисола бақувват буда, ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Дар қатори ин ҳама муваффақият ва дастовардҳои хуби илмӣ дар рисола баъзе камбудиҳои ҷузъӣ, аз қабили хатогиҳои грамматикӣ - техникӣ ва парокандагии фикрӣ дар матнҳо ҷой доранд, ки боварӣ дорем муҳаққиқ дар оянда сари ислоҳи он кор мекунад.

Новобаста аз фикру ақидаҳои зикршуда, диссертатсияи Муродова Рухшона Муродовна дар мавзӯи «Муносибати сотсиологӣ дар матбуоти даврии муосири тоҷик» кори илмии анҷомёфта маҳсуб шуда, муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба унвони илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 журналистика мебошад.

Номзади илмҳои фалсафа,
дотсент: Баҳромбеков В.А.
Телефони мобилӣ: 935493818
Почтаи электронӣ: daler04 @ mail ru

Имзои дотсент Баҳромбеков В.А.- ро тасдиқ менамоям:
Сардори Идораи коргузории ДМТ: ____________/Тавкиев Э.Ш.
«23» «09________» 2019с.